# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00–Адабиётшиносӣ (10.01.09-Фолклоршиносӣ. 10.01.01–Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2024. – 192 с.**

Перомуни эҷодиёти нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ устод Раҳим Ҷалил аз манзарҳои гуногун дар адабиётшиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон осори таҳқиқию илмии зиёде таълиф гардидааст. Аммо ба пажӯҳиши вижагиҳои ҷанбаҳои фолклорӣ дар эҷодиёти нависанда ва нақши онҳо дар руҳу тафаккури бадеӣ, сабк, шева ва услуби нигорандагии адиб таваҷҷуҳ нисбатан кам зоҳир шуда, дар ин самт таҳқиқоти ангуштшуморе мавҷуд аст.

Мусаллам аст, ки истеъдод ва вижаги осори адиб ҳанӯз аз оғози эҷодиёташ мавриди таваҷҷуҳи поягузори адабиёти навини тоҷик, устод Садриддин Айнӣ қарор гирифта, баъдан назари неки Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳаким Карим, Муҳиддин Аминзода, Ҷалол Икромӣ ва дигаронро низ сазовор гарид. Ин адибону донишмандон ҳунари нигорандагии ӯро эътироф ва ба осораш тақризу мақолот нигоштаанд, зеро ағлаби осори адиб аз лиҳози забону услуб, сохту таркиб, бадеият, маҳорати образофаринӣ ва сабки хосаи воқеанигориву қиссапардозӣ ба қобилияти нодири эҷодии муаллиф ишорат мекарданд.

Дар баробари ин, олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ академик Р. Амонов, В. Асрорӣ, Х. Асозода, И. С. Брагинский, Г. И. Ломидзе, З. Г. Османова, Л. Н. Демидчик, С. Табаров, Р. Ғаффоров, Х. Шарифов ва дигарон вижагиҳои умдаи эҷодиёт, фаъолияти доманадори адабӣ ва сабку услуби ӯро дар асару мақола ва маърӯзаву гузоришот мавриди арзёбӣ қарор додаанд.

Бо ин ҳама таҳқиқотҳо наметавон гуфт, ки ҷанбаҳои фолоклории осори бадеии Раҳим Ҷалил мавриди пажӯҳиши алоҳида қарор гирифта бошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш, баррасӣ, матраҳ ва таҳқиқоти падидаи эҷодии нависанда, ки дар истифодаи пурсамари адабиёти шифоҳӣ зоҳир мегардад, яке аз мавзуъҳои умдаи вақт буда, ба таҳқиқоти амиқу ҳамаҷонибаи монографӣ, ниёз дорад. Хусусан, унсурҳои фолклорӣ ва нақши онҳо дар тафаккури бадеию услуби эҷодии нависанда таҳлили дақиқнигоронаро металабад. Дар ин робита, мавзуи мавриди назари Юусупова Мусабе Исломовна дар илми адабиётишиносӣ ва фолклоршиносии миллӣ кори нахустин мебошад.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба таҳқиқи масъалаҳои ҷанбаҳои фолклорӣ ва нақши онҳо дар тафаккури бадеию услуби Раҳим Ҷалил ва масоили гуногуни марбут ба он дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши алоҳидаи монографӣ сурат нагирифта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро бо тавҷҷуҳ ба дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии

барои дифоъ пешниҳодшаванда метавон **мубрам** ва муҳим арзёбӣ намуд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик масъалаҳои марбут ба истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар назму насри Раҳим Ҷалил ба таври густурда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Доир ба асосҳои фолклории осори нависанда, масъалаҳои имконот ва истифодабарии жанрҳои фолклорӣ, ҷойгоҳи эҷоди шифоҳии халқ дар тафаккури бадеӣ ва таъсири онҳо ба сабку услуби нигориш андешаҳо ва нуктаҳои илмӣ ба таври густарда пажӯҳиш карда шудааст. Маҳз боназардошти ин махсусият унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна дар диссертатсия аз нуктаи назари фолклоршиносӣ осори назмию насрии Раҳим Ҷалилро таҳқиқ намуда, ба сифати имконот ва истифодабарии жанрҳои фолклорӣ дар осори бадеии нависанда аз диди илми фолклоршиносӣ баҳо додааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф

дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти тоҷик ва ба адабиётшиносон, фолклоршиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарию амалии илмӣ кӯмак расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Сохти рисолаи** унвоҷӯ муназзам ва қобили қабул буда, он аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйихати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия фароҳам омада, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ боз ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадом аз фаслҳову зерфаслҳои диссертатсия шеваи хуби пажӯҳишӣ, дуруст нишон додани манобеу маохиз, муҳокимаю мабоҳиси зиёди илмӣ ва натиҷаҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии

натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ ва таҳқиқ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки, воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва маърифати дурусти истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар назму насри Раҳим Ҷалил аҳаммияти илмӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия «**Нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва мақоми он дар ашъори Раҳим Ҷалил**» номгузорӣ шуда, ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввали боб, ки «**Эҷодиёти лафзии халқ ва таъсири он ба тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил**» унвон дорад, муҳаққиқ бар мабнои маълумоти манобеи муътамади адабӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосир ва қиссаи воқеии «Маъвои дил» роҷеъ ба таъсири эҷодиёти халқ ба камолоти маънавии Раҳим Ҷалил, ки дар замони наврасию ҷавониаш шоҳиди бисёр анъанаҳои мардумӣ ва сомеи асарҳои фолклорӣ гашта буд ва таъсири мусбати онҳо дар осори нависанда равшан мушоҳида мешаванд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия Раҳим Ҷалил на танҳо ба нависандагӣ рағбат доштааст, ҳамчунин саъй ва талоши ҷамъоварӣ ва чопи жанрҳои гуногуни фолклориро низ намудааст.

Муаллиф дар баробари мавриди таҳқиқ қарор додани осори назмию насрии адиб, кӯшидааст бойгонии Раҳим Ҷалилро, ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз аст, мавриди таҳлилу таҳқиқи усули оморӣ қарор диҳад ва ҳар яке аз жанрҳои ҷамовардаи нависандаро бо

овардани мисолҳо муайян намояд. Ин далели қотеъ то кадом андоза илмӣ будани андеша ва хулосаҳои унвонҷӯро нишон дода, аз боризтарин муҳассаноти кор ҳисобида мешавад.

Фасли дуюми боби аввал «**Истифодаи унсурҳои фолклор дар шеърҳои Раҳим Ҷалил**» унвон гирифта, дар он роҷеъ ба масъалаҳои ҷойгоҳи анвои эҷодиёти шифоҳии халқ дар асарҳои нависанда, истифодаи бештари нақлу ривоятҳои халқӣ дар бораи маконҳои таърихӣ ва муқаддаси шаҳри Хуҷанд, ӯрдаи шаҳр, дарёи Сир, ибораҳову ифодаҳои халқӣ, зарбулмасал ва мақолҳо дар шеърҳои адиб таҳқиқот бурда шудааст. Ба андешаи муаллиф унсурҳои фолклорӣ бештар дар ашъори адиб, аз ҷумла достони «Ленинобод», ғазалҳо, шеърҳои ҳаҷвӣ, шеърҳои дар васфи табиату фаслҳои сол ва шеърҳо дар тарғиби пахтакориву пахтачинӣ эҷод шудаанд, ба мушоҳида мерасанд. Аз таҳқиқоти диссертант дар ин фасл маълум мегардад, ки ӯ ҳам осори назмӣ ва ҳам насрии Раҳим Ҷалилро мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки дар воқеъ, дар густариши таҳқиқи осори адиб қадами ҷиддие маҳсуб мешавад.

Боби дуюми рисола «**Ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил**» унвон дошта, аз ду фасл ва панҷ зерфасл иборат мебошад. Фасли якуми боби дуюм «**Ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояҳои нависанда**» номида шуда, аз ду зерфасл «**Бозтоби баъзе унсурҳои фолклорӣ дар ҳикояҳо**» ва «**Ҳаҷву мутоиба дар ҳикояҳо**» иборат мебошад. Фасли дуюми боби дувум «**Қиссаи «Маъвои дил» – хазинаи фарҳанги мардумии Хуҷанд**» аз се зерфасл «**Истифодаи тарона (ашӯла), зарбулмасал, латифа, ривоят ва шугун дар «Маъвои дил»**; «**Ҷойгоҳи фарҳанги**

**ҳунармандӣ дар асар**» ва «**Инъикоси урфу одат ва расму ойинҳои мардумӣ дар «Маъвои дил**» иборат аст. Дар ин фаслу зерфаслҳо диссертант бо назари таҳлилӣ ва таҳқиқи илмӣ ба ҳикояҳои адиб назар карда, ба чунин хулосае расидааст, ки аз анвои фолклорӣ бештар зарбулмасалу мақолҳо мавриди истифодаи нависанда қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «**Мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ**» ном дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли якуми боби сеюм «**Истифодаи офаридаҳои бадеии халқ дар романи «Одамони ҷовид**» ном дошта, дар ин ҷо диссертант истифодаи жанрҳои фолклории романро таҳқиқ намуда, маълум кардааст, ки дуо, тарона, рубоӣ, ривоят, нақлҳои халқӣ ва таомулҳои мардумӣ дар он фаровон истифода шуда бошанд ҳам, аммо бештар мақол ва зарбулмасал дар роман мавқеи устуворро дорад. Дар баробари ин, диссертант миқдори дуоҳои асарро низ муайян кардааст, ки ёздаҳ адад буда, дар баробари инъикоси симои қаҳрамонони асар, далели таваҷҷуҳи нависанда ба ин жанр мебошанд.

Фасли дуюми боби сеюм «**Инъикоси фарҳанги мардумии халқҳои шӯравӣ дар романи «Шӯроб**» унвон дошта, мутобиқ ба манзури дисертант Раҳим Ҷалил адибест, ки дар доираи истифодаи фолклори миллӣ қонеъ нагашта, фолклори халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравиро низ дар романи «Шӯроб» истифода кардааст. Дар ин фасл муаллиф жанрҳои фолклории истифодашударо ба бахшҳои ҷудогона, ба монанди **зарбулмасалу мақол дар роман; фолклори гурӯҳҳои иҷтимоӣ; фолклори қаландарон; фолклори минтақаҳои**

**мухталифи Тоҷикистон дар романи «Шӯроб»; фолклори лӯлиён; фолклори қирғизҳо дар роман ва жанрҳои ҳамосии фолклорӣ дар романи «Шӯроб»** дастабандӣ намуда, бо таҳлилу қиёс ва овардани намунаи мисолу далелҳо ҳар яке аз ин жанрҳои фолклориро мавриди пажӯҳиши амиқ қарор додааст.

Хулосаи диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар ин бандҳо пас аз фарогирии таҳқиқоти комили довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Феҳрасти осори таҳқиқиву сарчашмаҳо дар маҷмуъ 176 ададро дар бар мегирад ва онҳо ба гурӯҳҳо тибқи муқаррароти соҳавӣ дастабандӣ шудаанд.

Муаллифи рисола заҳмат ба харҷ дода, зарбулмасалу мақолҳои асарҳои мавриди таҳқиқоташро ҷамъоварӣ намуда, бо ишораи сарчашмаю маъхазҳо онҳоро гурӯҳбандӣ намуда, дар рисола замима кардааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо дар пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф таъсири мусбат расонида, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Фасли дуюми боби сеюми рисола, ки «Инъикоси фарҳанги мардумии халқҳои шуравӣ дар романи «Шӯроб» унвон дорад, ба мавзуи диссертатсия робитаи мустақим надорад. Ба назари мо, мавзуи мазкур комилан баҳси алоҳидаи илмӣ мебошад. Ҳамзамон, қисмати зиёди ин фаслро таҳлили жанрҳои фолклори мардуми тоҷик ташкил

додааст ва ба эътирофи худи муаллиф «Мебинем, ки дар роман зарбулмасалу мақолҳои ӯзбекӣ, арабӣ ва қазоқӣ яктогӣ бошанд ҳам, ба забони аслашон оварда шудаанд, аммо қирғизию русӣ бошанд, бешар дар шакли тарҷума ба забони тоҷикӣ оварда шудаанд» (дисс., с. 26). Дар ҳамин фасл намудҳои фолклор ба гурӯҳҳо тақсим шуда, бахши алоҳидае бо номи «фолклори қирғиз дар роман» ҷой дорад, ки дар он муаллифи диссертатсия намунаҳои фолклори ин миллатро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз дидгоҳи мо, ин бахшро дар якҷоягӣ бо намунаи фолклори дигар миллатҳо ба танҳоӣ мавзуи як фасл метавон кард.

2. Дар матни рисола ба афкори баҳсбарангез ва то андозае нодуруст низ дучор мешавем. Аз ҷумла, муаллиф зимни баррасии жанрҳои фолклорӣ дар осори адиб чунин андеша дорад, ки: «Мардуми Хуҷанд вақте аввалин бор гули бойчечакро ба даст мегиранд, се маротиба ба дидагонашон молида, аз расидани баҳори нав шукргузорӣ мекунанд...» (дисс., с. 44); «Таъбиру иборaҳои халқии Хуҷанд ба монанди «ду дасти адаб», «шӯрашон хушкидан», «хуб, ба ҷонам», «фотимачумчуқ...» (дисс., с. 8); «Дар Хуҷанд анъанае ҳаст, ки барои кӯдаки таваллудгашта вобаста ба вақти таваллудаш дар рӯзи ҷумъа ба писар Саид ва ба духтар Саида, дар моҳи Рамазон ба писар Шариф ва ба духтар Шарифа ном мегузоранд» (дисс., с. 92). Аз ин рӯ, андешаи муаллиф дар хусуси мисолҳои дар фавқоварда, ки танҳо моли хуҷандиёнанд ва на ин ки тамоми тоҷикон заминаи илмӣ надорад.

3. Қимати корҳои илмиро зикри маъхазҳои истифодагардида меафзоояд ва яке аз талаботи илм низ ҳамин аст. Диссертант дар баъзе

ҳолатҳо ҳамин талаботро риоя накарада, аз зикри маъхаз ва сарчашмаи мисолҳои овардааш сарфи назар намудааст:

Қомати хамгаштаи пирон нишони марг нест,

Як камон сад тирро бар хок яксон мекунад (дисс., с. 55),

«Аз ҷумла, барои финиҳо тортанак муқаддас буд ва онҳо дандонҳои афтодаашонро ба вай қурбонӣ мекарданд. Мардуми англис тортанакро дар ҷайби худ нигоҳ медоштанд, бар он бовар, ки кисаи онҳо серпул мешавад» (дисс., с.79); «...ба ӯзеки «ҳар ки қилсан узинг тарҷума гаштааст». (дисс., с. 126); «Хар ба мурдануш бошад, боруш дар раҳ намемона» (дисс., с. 141); «(фиғон к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб...)» (дисс., с. 145).

4. Муаллиф дар баъзе мавридҳо дар рисола аз забони бадеӣ кор гирифтааст, ки ин хоси услуби корҳои илмӣ нест: «...нависанда ба баҳри беканори эҷодиёти лафзии халқ ғутавар гардида, марворидҳои шоҳвор гирд оварда... ». (дисс., с. 65) ва ё «...ҳамчун донаҳои марворидҳо дар ришта кашида... » (дисс., с. 116) ва ғайра.

5. Масъалаи дигаре, ки муаллифи диссертатсия ба он ба таври шоиста эътибор надодааст, мавриди баррасӣ қарор надодани жанрҳои фолклорӣ, яъне таърифи онҳоро наовардан (ба истиснои чистон ва каме бошад ҳам, ашӯла) мебошад. Ба назари мо, агар диссертант дар асоси таҳқиқоти солҳои охир анҷомёфта ва адабиёти нави илмӣ таърифи жанрҳои истифодагардидаро дар бар мабнои фолклоршиносӣ баррасӣ мекард, натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳе ба даст меовард.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Махсусан, аз нигоҳи

имлои тарзи ду намуд навиштани калимаҳо мушоҳида шуд: шуравӣ/шӯравӣ (дисс., с. 7; с. 24), мавзӯи/мавзуи (дисс., с. 8, 43), маводди/маводи (дисс., с. 12), муҳиммияти/муҳимияти (дисс., с. 12), маҷмӯа/маҷмуа (дисс., с. 19), куҳна/кӯҳна (дисс., с. 29), аҳамият/аҳаммият (дисс., с. 77), пажӯҳиш/ пажуҳиш, гӯштингирӣ (дисс., с.150) ва ғайра. Ба таври куллӣ, кор аз нигоҳи имлои нав ва гузоштани дурусти аломатҳои китобат ба таҳрир ниёз дорад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Юупова Мусабе Исломовнаро бештар мегардонад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ. 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ. 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Бобоалиева З.П.
«26» августи 2024 с.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 62/67.
Тел.: (+992) 931038191; E-mail: zebosh@list.ru.

Имзои номзади илмҳои филологӣ
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовнаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улағзода Юсупова Б.Ғ.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Муҳаммадиев, 17/6
Телефон: (+992-372) 32-50-00; E-mail: ddzt@ddzt.tj
«27» августи 2024 с.